*Ба Шурои диссертатсионии 6D.*
*КОА- 014 назди Донишгоҳи давлатии*
*молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Хоҷамаҳмад Умарович ба диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи "Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз), ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз): 8.4. Механизми гардиши пули накдӣ ва ғайринакдӣ, 8.6. Ташкил ва танзими ҷараёнҳои пулӣ дар иқтисодиёт, 8.7. Эмиссия ва сиёсати зиддитаваррумӣ дар иқтисодиёти бозорӣ, 8.10. Проблемаҳои таваррум (дефлятсия) ва беқурбшавии асъори миллӣ, 8.11. Ташаккули талабот ба пул ва пешниҳоди пул, тамоюлот ва дурнамои таъмини мувозинати зарурӣ барои мутавозин будан, 8.12. Асосҳои назариявии таҳқиқоти равандҳои таваррумӣ дар иқтисодиёт, афзоиши даромадҳои воқеӣ ва пулӣ, пасандозҳо ва дигар омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, 11.9. Стратегия ва тактикаи истифодаи афзорҳои танзими пулию қарзӣ. Низоми назорати бонкӣ ва унсурҳои он мувофиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардидаро пурра бандҳои дар боло овардашудаи КОА дар бар мегирад.

## 2. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Вобаста ба мубрамии мавзӯ қайд кардан зарур аст, ки муаллифи рисола ба масъалаҳои ташаккул ва заминаҳои густариши таваррум дар ҷомеаи иқтисодӣ таҳқиқот бурда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон бо ин, муаллифи рисола дуруст қайд намудааст, ки дар ҷомеаи иқтисодӣ таваррум ҳамчун ҳодисаи номатлуби пулӣ хусусияти таърихӣ дошта, дар ташаккули муносибатҳои пулӣ зоҳир гардида, як қатор мушкилотро ба миён меоварад. Таҳаввулоти бузурги муносибатҳои пулӣ дар ҷомеаи иқтисодӣ боиси ба миён омадани шаклҳои нави пул гардида, бо мурури замон дар натиҷаи нобаробар рушд кардани иқтисодиёт ва душвор гардидани сатҳи зиндагии як табақаи аҳолӣ, нобаҳрасозон ва дигар ашхосе пайдо гардид, ки ба болоравии таваррум боис гардиданд. Таърих гувоҳи он аст, ки сабабҳои сар задани таваррум хосиятҳои гуногуни обективӣ, субъективӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, ҳар гуна омил метавонад боиси ба миён омадани он гардад. Воқеан дар иқтисодиёти имрӯзаи ҷаҳон замина ва сатҳи фарогирии таваррум фарохмаҷро буда, асосан пайдоши он ба давлатҳои пешрафта ва хусусияти тамаддуни қадимадошта рост меояд, ки ин масъаларо дуруст иброз намудааст (саҳ 18-29).

Дар сатҳи амсилаҳои таърихӣ муаллиф дуруст баён намудааст, ки агар ба таърихи таваррум ё беқурбшавӣ аҳаммият диҳем, ин ду мафҳум умумиятҳои гуногунро доро мебошанд ва ин андешаи муаллиф ба он пайванд доранд, ки тамоми масъалаҳои иқтисодӣ хосияти ҳамгироӣ ва ҳампайвандӣ доранд. Зеро беқурбшавӣ метавонад ҳам дар сатҳи муносибатҳои пулӣ ва ҳам дар сатҳи муносибатҳои молӣ ба вуҷуд ояд. Дар сатҳи муносибатҳои пулӣ барзиёдии пул боиси беқурбшавӣ мегардад ва дар сатҳи муносибатҳои молӣ баръакс, камшавии мол боиси пайдоиши таваррум мегардад. Албатта, аз он хотире ки таваррум, қабл аз ҳама дар давлатҳои пешрафта ба вуҷуд омада бошад ҳам, сонияи он дар давлатҳои рӯ ба рушд низ ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон низ таҷрибаи шадиди таваррумиро дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз сар гузаронида, то ҳол ҷиҳати гирифтани пеши роҳи оқибатҳои манфии таваррум мубориза мебарад. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза, ба андешаи муаллиф, таваррум хосиятҳои зоҳиршавии худро комилан дигар намуда, тарзи таъсир расонидани худро бо шароитҳои имрӯза ҳамчун организми зинда мутобиқ намудааст. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза ҳаракати равандҳои таваррумӣ ба воситаи организмҳои

зинда ба иқтисодиёт ворид гардида, дар як давраи муайян сохторҳои муҳимми иқтисодиро фалаҷ гардонида, иқтисодиётро ба душвориҳои зиёд мувоҷеҳ мегардонад. Тоҷикистони тозаистиқлол дар марҳалаи расидан ба як суботи сартосарӣ, на танҳо бухронҳои шадиди иҷтимоӣ, балки як бухрони сарбастаи иқтисодиро аз сар гузаронид, ки дар он нишондиҳандаҳои таваррумӣ ба дараҷаи баланди идоранашавандагӣ ё аз нуқтаи назари меъёрӣ, комилан берун баромада буд. (Саҳ. 14-28) Илова бар ҳамаи ин, иброз доштан зарур аст, ки вобаста ба хосияти макроиқтисодӣ доштани таваррум ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ он ба таври доимӣ ва доманадор дар сатҳи тамоми иқтисодиёти давлатҳо масъалаи меҳварӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаб дар шароити имрӯза, муҳити васеъи иҷтимоию иқтисодии кишварро дар шароити муосир ифода намуда, ба як қатор барномаву стратегияҳои дахлори соҳавӣ ҳамбастагии зиёд дошта, онро муаллиф дар муқаддимаи рисоли илмӣ ба таври мухтасар якҷоя намудааст. Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла самтҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”, “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2016, №95 тасдиқ шудааст, Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». (Саҳ. 6-7).

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар таҳқиқ ва баррасии мушаххасоти назариявӣ ва амалии диссертатсия муваффақиятҳои илмии докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)-ро ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. (саҳ. 11-14). Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии докторанти (PhD) дар асосноккунии

чанбаҳои назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ зоҳир мегардад ва ин чанбаҳоро ҳамчун муваффақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Вобаста ба ин, бахши навгониҳои илмии муаллифи рисола таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул, ҳаҷми пули дармуомилотбуда, сатҳи монетизатсия, меъёри фоизи қарз ва дигар нишондиҳандаҳои ба таваррум вобаста, ки аз тарафи докторанти (PhD) коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи меҳварӣ мебошанд ва навгониҳои илмӣ инҳоро ташкил медиҳанд:

**1.** Муаллифи рисолаи илмӣ дар банди якуми навгонии илмӣ вобаста ба таҳаввулоти замони гузашта ва муосир чанбаҳои назариявӣ ва методии заминаҳои пайдоиши таваррум вобаста ба сарчашмаҳои илмӣ аз рӯи асарҳои олимони дохилию хориҷӣ таҳлилу баррасӣ намудааст ва муаллиф дар доираи онҳо тафсир, шаклгирӣ, хосияти зоҳиршавӣ, омилҳои таъсиррасон ва як катор масъалаҳои дигари марбут ба таваррумро, ки хоси шароити имрӯзаи Тоҷикистон ва берун аз он мебошанд, пешниҳод намудааст. Ғайр аз ин, муаллифи рисола сохтори омилии таваррумро ба таври мушаххас пешниҳод намуда, он тавассути андешаҳои олимон асоснок карда шудааст.

**2.** Ҳамчунин дар навгонии дуюм чунин иброз намудааст, ки дар шароити тағйирёбанда будани таркиби иқтисодӣ ва бо печидагиҳои раванди ҷаҳонишавӣ, ки он аксаран боиси вайроншавии мувозинатҳои иқтисодӣ мегардад, таъсири омилҳои маҷмуии таъсиррасон ба вазъи таваррум бо пайвастагии иқтисодиётро таҳқиқ ва коркард намудааст, ки ин масъала мушаххасоти таҳқиқ ва коркардҳои муаллифи рисоларо нишон медиҳад. Илова бар ин, дар мукаммалнамоии чанбаҳои фарогирии навгонии мазкур шаклгирӣ ва шиддатёбии таваррумро низ бодарназардошти афзорҳои макроиқтисодӣ мушаххасан коркарду пешниҳод намудааст.

**3.** Илова бар ҳамаи ин, дар қисмати дигари рисолаи илмӣ докторанти (PhD) ба хосиятҳои зоҳиршавии таваррум дар давлатҳои пешрафта ва заминаҳои бавуҷудоии онро ошкор намуда, ҳамзамон тартиби идоракунии онро вобаста ба иқтидорҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои дар даст дошта, ки аз воқеиятҳои иқтисодӣ ба даст овардааст, баррасӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин, тавассути нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муайян намудааст, ки

сатҳи муътадили нархҳо ва таваррум дар сатҳи иқтисодиёт бо кадом нишондиҳанда ва роҳҳо муайян карда мешавад.

**4.** Навгонии зерини докторанти (PhD) ба он асос меёбад, ки вобаста ба имкониятҳои иқтисодии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ баъди ислоҳотҳои пай дар пайи пулӣ, сиёсати пулию қарзиро дар ҳамбастагӣ бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва дигар сохторҳои ёрирасони он, ки ба рушди иқтисодиёт ва сатҳи таваррум таъсир мерасонад, таҳлилу баррасӣ намуда, онро ҳамчун тағйирёбии васеи ҳаҷми пул, суръати афзоиши пули накд, сатҳи болоравии нархҳо ва дигар омилҳои ба он таъсиррасонро ошкору коркард намудааст, ки дар ин самт низ муваффақиятҳои муаллифро мушоҳида намудан мумкин аст.

**5.** Дар навгонии панҷум, ки бо маълумотҳои гуногуни оморӣ асос ёфтааст, муаллиф имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии давлатро бо ҷараёнҳои амалии сиёсати идоракунии таваррум вобаста ба нигоҳ доштани мувозинати рушди иқтисодӣ иқтисодиёти Тоҷикистонро таҳия намуда, онҳоро дар ҳолатҳои тағйирёбанда будани вазъияти иқтисодиёти ҷаҳон, сиёсатҳои гуногуни боздорандагии таваррумро пешниҳод намудааст, ки ин масъалаҳо дар сурати татбиқи амалии худро пайдо намудан, ба беҳтаргардии фазои иқтисодии давлат мусоидат менамояд. Илова бар ин, докторанти (PhD) дараҷаи тағйирёбии таваррумро дар сатҳи меъёри пешбинишуда ва эҳтимолӣ муайян ва пешниҳод намудааст, ки аз рӯйи он имкониятҳои мутавозин нигоҳ доштани таваррум имконпазир мегардад ва баррасӣ ва нишон додани ин масъала муаллиф низ мувафақ гардидааст. Илова бар ҳамаи ин муаллиф роҳҳои татбиқи сиёсати идоракунии таваррумро дар доираи имкониятҳои мавҷуда дар асоси имкониятҳои имконпазир мушаххасан пешниҳод намудааст.

**6.** Дар ниҳояти навгонии илмии худ муаллиф бо баланд гардидани имкониятҳои мавҷудаи кишвар, ки асоси муваффақиятҳои онро дар ҳама ҳолат иқтидорҳои иқтисодии давлат ва дигар имкониятҳои дар дастдоштаи онҳо ташкил медиҳад, аҳамияти ҷиддӣ дода, раванди идоракунии сиёсати таваррумиро дар алоқамандӣ бо сиёсати пулию қарзӣ муайян намуда, ба як қатор дастовардҳои дигари дар инҷо ишоранагардида ноил гардидааст. Ғайр аз ин докторанти (PhD) барои мушаххасоти масъала таҳлили лаппишҳои қурбӣ ва дигар меъёрҳои бо пул вобастаро барои арзёбӣ ва идораи босамар пешниҳод намудааст.

Воқеан аз тарафи докторант (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич низомҳои асосие, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар сатҳи

вокеият баён менамоянд, ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур намудааст, ки мушаххасот ва амалкардҳои вокеии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Иловатан коркардҳои илмӣ, баррасии масъалаҳои таваррум, сиёсати пулию қарзӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро ба таври асоснок таҳлил намуда, натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст, ки дар асосноккунии он нуктаҳои зеринро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф таҳқиқи заминаи бавуҷудоӣ, шаклгирӣ ва тағйирпазирии таваррумро дар низоми иқтисодӣ тавассути асарҳои олимони дохилию хориҷӣ ва як қатор коркардҳои методӣ таҳлилу асоснок намуда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

2. Ғайр аз ин, ба яке аз мушаххасотҳои асосии дигар вобаста ба зиёд шудани тамоюлҳои манфии раванҳои ҷаҳонишавӣ, ҳангоми ба ҳам омезиш ёфтани ҷараёнҳои иқтисодӣ, ки дар онҳо масъалаи таваррум низ шомил мебошад, механизмҳои танзими таваррумро Қурбонов Вафо Намозалиевич коркард намуда, вобаста ба зарурият омилҳои таъсиррасонро ошкор ва методикаи идоракунии онро дар шакли эҳтимолӣ пешниҳод намудааст, ки албатта чунин амал дар айни замон ба манфиати кор мебошад.

3. Ғайр аз ин, барои дарёфти роҳҳои нав ва босамари идоракунии таваррум таҷрибаи як қатор давлатҳои ҷаҳонро таҳқиқ намуда, дар он мувозинати таваррумро вобаста ба иқтидори иқтисодии давлатҳои ҳисобшуда пешниҳод намудааст.

4. Ғайр аз ин, дар нуқтаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф вобаста ба солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ ва дигар нишондиҳандаҳои пулиеро, ки ба болоравии таваррум дар муддатҳои таҳқиқшуда таъсир мерасонанд, ошкору пешниҳод намуда, ба натиҷаҳои назаррас низ ноил гардидааст.

5. Дар марҳалаи таҳлилии рисолаи илмӣ ҷиҳати нигоҳ доштани мувозинати таваррум ва истифодаи сиёсати зиддитаваррумӣ, новобаста аз тағйирёбанда будани вазъияти иқтисодии давлат, усулҳо ва сиёсатҳои муосири танзимнамоии таваррумро дар шароити имрӯза таҳқиқ намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

6. Дар ниҳояти таҳқиқоти илмии худ докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич дар шароити имрӯза ҷиҳати гирифтани пеши роҳи таъсири манфии таваррум як қатор алоқамандиҳо, ба монанди сиёсати

пулию қарзӣ, ҳаҷми пули накд ва як қатор масъалаҳои меъёрии коркардшуда кашф гардидаанд.

Таҳқиқотҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи илмии докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич боиси он мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертасионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода, бо натиҷаҳои бадастоварда, ки ҳамаи онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии мавзӯи илмиро дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, дар самти мушаххасотҳои илмӣ ин ду банди асосии таҳқиқот натиҷаҳои бадастовардаи муаллифиро ташкил медиҳад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардида, дар ин қисмат заминаҳои бавуҷудоии таваррум ва дигар тафсирҳои ба ин баробар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, ҳамчун натиҷа ошкорнамоии назариявии заминаҳои бавуҷудой ва дигар тарзҳои самараноки идоракунии таваррумро муайян ва пешниҳод намудааст, ки дар ин замина як қатор имкониятҳои нави илмӣ ва амалӣ коркарду пешниҳод гардидаанд, ки дар ин самт муаллиф ба як қатор натиҷаҳо ноил гардидаанд. Дар асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ заминаҳои бавуҷудоии таваррум ва дигар нишондиҳандаҳои ба ин баробар аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин самт низ, ки муаллиф тавассути маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Бюллетенҳои омори бонкӣ, сомонаҳои расмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ корбарӣ намудааст, мувофиқи максад мебошад. Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич дар боби якуми рисолаи илмӣ дар 3 сербоб (саҳ 18-54) мушаххасоти ҷанбаҳои назариявии рисоларо мавриди баррасӣ қарор дода ба як қатор таҳлилҳои муқоисавӣ даст задааст. Илова бар ин дар боби 2-юм ва сеюми рисолаи илмии худ муаллиф ҷанбаҳои

амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асосии диссертатсияро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба як қатор дастовардҳои дигари илмӣ низ ноил гардидааст, ки бандҳои зерини тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд. (саҳ 29-51). Зеро аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

## 5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.

**Муаллифи рисола** докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия аз як қатор меъёрҳои илман асоснок риоя шудаанд: таҳия ва баррасии мавзӯи илмӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзӯи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурусти таҳқиқот, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии масъала дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Инчунин, муаллифи рисолаи илмӣ дар самти баррасии таваррум ва аҳамияти иқтисодии он як қатор коркардҳои мушаххаси мубрами таваррумро дар сатҳи самаранок истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

## 6. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба амсилаҳои арзёбӣ ва мушаххассозӣ, асосноккунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишавандаро инъикос менамояд, ҳамчун натиҷа дар конференсия ва семинарҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи рисола мебошад, ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Гуфтан мумкин аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро на танҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, балки дар дигар макотиби олӣ ва корхонаҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертатсияи докторанти (PhD) барои мушаххасоти ҷараёни пайдарпайии таҳқиқоти илмӣ ва даврабандии таҳқиқот вобаста ба нашри маводи илмӣ, вобаста ба самти мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 14 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва чоп гардидаанд.

**7. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Вобаста ба талабот ва стандартҳои таҳияи диссертатсияи илмӣ, сохтори он инҳоро дар бар мегирад: диссертатсияи илмӣ аз муқаддима, феҳрасти ихтисорот, се боб, 9 зербоб, хулоса, 13 расм, 8 диаграмма, 16 ҷадвал, рӯйхати адабиёти истифодашуда дар ҳаҷми 135 ва ҳаҷми 175 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардидааст. (саҳ. 15).

Докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва арзёбии мавзӯи баррасишаванда татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд, мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дар сатҳи бобҳои алоҳида баҳо додан мумкин аст.

Докторанти (PhD) дар боби аввали диссертатсия "Асосҳои назариявӣ ва методологии марҳалаҳои бавуҷудоии таваррум" ва ҳамчун заминаҳои назариявӣ ва методологии пайдоиши таваррум дар иқтисодиёт, хусусиятҳо ва ҷараёнҳои тағйирпазирии таваррум ва таъсири он ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, танзими таваррум ва пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ дар кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки чунин муваффақиятҳо натиҷаи заҳматҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар ин боб ва параграфҳои алоҳидаи он муаллифи рисолаи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии равандҳои таваррумӣ ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиётро мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Дар ин боби рисолаи илмӣ муаллиф ба ҷанбаҳои назариявии таварруми пулро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, як қатор натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Дар боби якуми зербоби якум муаллиф вобаста ба мушаххасоти назариявии таваррум нуқтаи назари олимонро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дар ин маврид андешаи худро вобаста ба мушаххасоти масъала ҳамчун натиҷаи иловагӣ манзур намудааст. (Саҳ 27-28). Ҳамчунин, дар зербоби дуюми боби якум вобаста ба баррасии фишангҳои танзими сиёсати пулию қарзӣ

ва таваррум ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки нишондиҳандаҳои онро ба таври баррасигардида дар рисолаи муаллиф дидан мумкин аст. (саҳ 37)

Дар ҳамин замина, муаллифи рисолаи илмӣ танзими таваррум ва пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ дар кишварҳои хориҷро баррасӣ намуда, татбиқи босамари онро барои таъмини суботи иқтисодӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки ҳамаи инҳоро мувафақияти докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич ҳисобидан мумкин аст. (саҳ 43-54)

Дар боби дуюм бошад, муаллифи рисолаи илмӣ "Таҳлили ваъзи таваррум ва танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо иловаи таҳлили вазъи таваррумӣ ва сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии болоравии таваррум ва механизмҳои паст кардани шиддати таъсири манфии он, масъалаҳои муҳимми зоҳиршавии таваррум ва занҷираи таъсири онро ба бахшҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич дар ин боб як қатор алоқамандиҳои таваррум ва таъсири мутақобилаи онро бо дигар нишондиҳандаҳо аз қабили: тамоили тағйирёбии ММД ва таваррум дар солҳои 1992-1995 – ро динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул ва пулҳои берун аз бонкҳо дар солҳои 2012-2022 бо (%), тағйирёбии суръати афзоиши ҳаҷми пули накд ва сатҳи таваррум дар солҳои 2014-2022 (бо %), 2.5. нишондиҳандаи меъёри таваррум дар як қатор кишварҳои ҷаҳон дар соли 2021 бо %, ҷараёни тағйирёбии сатҳи таваррум вобаста ба соҳа ва сохторҳо дар солҳои 2017-2022 бо %, таркиби таваррум вобаста ба номгӯи маҳсулотҳои ниёзи аввал дар солҳои 2017-2022 бо%, сатҳи таваррум аз ҳисоби омилҳои алоҳида барои солҳои 2017-2022 бо фоиз (%)-ро мавриди таҳлилу барраси қарор додааст, ки амалкардҳои илмии муаллифи рисола қобили дастгирӣ мебошанд. (саҳ55-79)

Ҳамзамон дар зербоби дуюм ва сеюми боби дуюм муаллифи рисола бошад омилҳои гурӯҳии бавуҷудоии таваррум, занҷираи таркибии сатҳи таваррум дар шароити муосир, омилҳои таъмини мувозинати таваррум дар шароити имрӯза, таъсири иҷтимоию иқтисодии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои муҳими ба ин баробарро таҳқиқ намуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. (саҳ 81-100)

Дар боби сеюми рисолаи илмии муаллиф ба масъалаҳои асосии "Идоракунии таваррум дар шароити муосир", муаммоҳои муосири сиёсати пулию қарзӣ ва алоқамандии он бо таваррум, таҳлили бахши воқеии иқтисодиёт ва таъсири он ба сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ, ҳадафгирии таваррум ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, бо як қатор натиҷаҳои назаррас ва муваффақиятҳои илмӣ ноил гардидааст, ки ба андеши мо ин дастоварди илмии муаллифи рисола мебошад. Дар илова бо ин гуфтан мумки аст, ки доктори фалсафа (PhD) Қурбонов Вафо Ҳамозалиевич гуфтаҳои мазкурро бо масъалаҳои муҳими зерин асоснок намудааст: рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар солҳои 2017-2022 бо %, динамикаи тағйирёбии таркиби рушди ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022, њамвобастагии хароҷоти буҷет ва сатҳи таваррум дар таркиби маҳсулотҳои хӯрокворӣ дар соли 2017-2022, динамикаи тағйирёбии ММД дар солҳои 1991-2023, сатҳи номутобиқатии ҳавасмандии меъёри фоизи пасандозҳо ва таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2021, модели сиёсати идоракунии таваррум вобаста ба нигоҳ доштани мувозинати рушди иқтисодӣ (саҳ 126), сатҳи таваррум ва ҳадафи он дар давраи миёнамуҳлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ 130), хислатҳои асосӣ ва таркибии таваррум дар сатҳи иқтисодиёт (саҳ 134), динамикаи тағйирёбии меъёрҳои муқаррарӣ ва муайяншудаи таркиби таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2023 (саҳ 136), механизм ва роҳҳои баромадан аз вазъи ногувори таваррум ва паст кардани шиддати он (саҳ 138), баҳодиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи суръати рушди иқтисодиётро (саҳ 140) мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ҳамин замина низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо ҳамин мақсад, дастовардҳои муаллиф вобаста ба масъалаҳои баррасигардида қобили қабул ва дастгирӣ мебошанд.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳоли тақризшавандаи илмӣ.

Таҳқиқоти диссертасионии докторант дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин, муқарраротн натиҷаҳои асосии диссертасия дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзӯи диссертатсия 4,6 ҷ.ч-

ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

## 9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.

Диссертатсияи докторант дар заминаи муқаррароти Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он ба як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”, “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2016, №95 тасдиқ шудааст, Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Дар умум диссертатсия дорои аппарати баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матини он аз тарафи докторанти (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевич дар матни он пурра инъикос гардидаанд, ки пурра муваффақиятҳои он маҳсуб меёбанд. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо, ки онҳо вобаста ба мавзӯ ба даст оварда шудаанд, натиҷаҳои муваффақиятомези докторант (PhD) Қурбонов Вафо Намозалиевичро дар муқаддима ба таври фишурда ва дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва ҳамзамон дар хулоса мушоҳида намудан мумкин аст.

## 10. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Вобаста ба таҷриба дар баъе аз ҳолатҳо камбудию норасоиро низ асоси пешрафти корҳо меноманд, ки он боиси тақвияти ин ё он соҳаи муайян мегардад. Албатта дар самти таҳқиқотҳои илмӣ низ чунин норасоиҳо метавонанд ба баланд кардани малака ва маҳорати

таҳқиқотчӣ барои бознигарии ин ё он соҳа мусоидат намояд. Вобаста ба ин, хотирнишон бояд намуд, ки муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии докторанти (PhD) дар доираи мавзӯ ва дар шароити имрӯза дорои арзиши баланди илмӣ буда, дорои як қатор норасоӣ ва камбудиҳо низ мебошанд, ки дар сурати баинобатгирии онҳо мумкин буд рисолаи илмӣ моҳиятан дигаргун мегашт ва онҳо иборатанд аз:

1. Интизориҳои фарзияи таҳқиқоти илмӣ вобаста ба таҳлилу баррасиҳои мавҷуда дар сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ агар дар боби дуюм ё сеюми диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифт, арзиши илмии диссертатсия беҳтар мегардид.

2. Мушаххасоти рисолаи илмӣ беҳтар мегардид, агар муаллифи рисола фишангҳои танзими сиёсати пули қарзӣ ва таваррумро вобаста ба нишондиҳандаҳои мавҷудаи макроиқтисодӣ дар алоқамандӣ бо имкониятҳои Тоҷикистон бо факту рақамҳо асоснок менамуд. (саҳ.37).

3. Дар параграфҳои 1,2,3-юми боби якум докторант (PhD) вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот беҳтар мегардид, агар хулосаҳои дахлдор ба таври мушаххас вобаста ба рақамгузорӣ бароварда, тавасути он мавқеи худро дар ин самт муайян менамуд;

4. Дар таҳқиқоти илмӣ баъзе таҳлилҳои анҷомгардида ва натиҷаҳои бадастоварда баҳсбарангез буда, аз тарафи муаллиф асоснокkунии исловагиро тақозо менамоянд. (тамоили тағйирёбии таваррум вобаста ба номгӯи молҳо саҳ 72);

5. Баъзе норасоиву камбудиҳои иқтисодие, ки дар сатҳи истеҳсолот боиси болоравии бармаҳали таварруми пул мегарданд, агар аз тарафи муаллиф бодарназардошти таъсири омилӣ ва сохторӣ таҳлил мегардид, мушаххасоти таҳқиқот боз беҳтар мегардид.

6. Агар аз тарафи муаллифи рисола таварруми пул вобаста ба омилҳои пулӣ ва ғайрипулӣ дар сатҳи меъёрҳои мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мегардид кор бурд менамуд.

Тавре дар оғози хулоса баён намудаем, норасоиву камбудиҳои ошкоргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва арзиши баланди илмии он таъсир намерасонанд.

## 11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти илмии докторанти (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия,

муомилоти пул ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Дар анҷоми хулоса гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи таҳқиқгардидаи Қурбонов Вафо Намозалиевич ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи доктаранти (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) омода гашта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқотии сайёҳии институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ББССТ Умаров Х.У.

Дурустии имзои Умаров Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Телефон (+992 37) 234-88-02(124)
Email: dsx_ips@mail.ru